# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, - Душанбе, 2023 - 167 с.**

Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажуҳиш, аз ҷумла, доир ба таҳқиқи вижагиҳои луғавию грамматикии адибон муваффақона рушд карда истодааст. Рисолаи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ”, ки аз ҷониби диссертант Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна бевосита ва мустақиман таҳқиқ шудааст, яке аз таҳқиқҳои анҷомёфтаест, ки паҳлуҳои гуногуни сарфиву наҳвии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифиро равшан мекунад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба вижагиҳои сарфиву наҳвии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Муаллиф дар хусуси ташаккулу таҳаввули категорияҳои лексикӣ, меъёрҳои сарфиву наҳвии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV далелҳои ҷолиб оварда, барҳақ қайд намудааст, ки «Таҳқиқи вижагиҳои луғавию грамматикии ин асар барои ошкор гардидани як тарзи баёни миёна, ки аз муғлақбаёнию печидагӣ дар асрҳои XII- XIV дар насри бадеии мо пайдо шуда буд, мусоидат менамояд.» (диссертатсия, с. 4).

Унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар баррасии вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ вазифаҳои таҳқиқро аз нишон додани таносуби вожаҳои тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ, категорияҳои лексикӣ (омоним, синоним, антоним ва сермаъноӣ), муайян кардани хусусиятҳои морфологии категорияҳои грамматикии исм: ҷамъбандӣ тавассути -он (-гон, -ён), -ҳо ва ҷамъбандии арабӣ; категорияи номуайянӣ, нишон додани баъзе вижагиҳо дар истифодаи феъл ва ҳиссаҳои ёвари нутқ, нишон додани усулу воситаҳои сермаҳсул ва каммаҳсули калимасозу шаклсоз ва дар ин замина муайян кардани

қонуниятҳои устувори калимасозӣ дар асар, тавсифи хусусиятҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ», вижагиҳои ҷумлаҳои содаю мураккаби асар, нишон додани тарзу воситаҳои созмони банди наҳвӣ ва вижаҳои корбурди он дар асар иборат медонад. Маҳз ҳамин вазифаҳо диққати Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевнаро ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филология, профессор Хоҷаев Давлатбек кори илмӣ - таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV «Ахлоқи муҳсинӣ» ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Илова бар ин, таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XV равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад, ки навгонии дигари диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионии мазкур дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ метавонад ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик хизмат намояд. Тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба «Таърихи забони адабии тоҷик», «Лексикологияи таърихӣ», «Сарфу наҳви тоҷикӣ» ва хондани курсу семинарҳои тахассусӣ аз фанни «Таърихи забони адабии тоҷик», навиштани рисолаҳои илмӣ, дипломӣ, реферату маърузаҳо истифода кард.

**Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ

ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми забоншиносӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Боби якуми диссертатсия** “Вижагиҳои луғавии “Ахлоқи муҳсинӣ” номгузорӣ шуда, дар шаш фасл баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар фасли якум, ки “Масоили умумӣ” ном дорад, аҳаммияти илмии таҳқиқи осори бадей, вазъи забони адабии замони асар, ҷойгоҳи «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро дар адабиёти форсии тоҷикӣ матраҳ менамояд. Муаллиф чун равиши илмии суннатӣ доир ба осори адабие, ки дар бораи онҳо таҳқиқотҳои мушаххас анҷом ёфтаанд, маълумоти мухтасар дода, дар бораи муҳаққиқоне, ки вижагиҳои гуногуни забони осори Ҳусайн Воизи Кошифиро таҳқиқ намудаанд, ишораҳои судманд мекунад.

Дар зерфасли 1.2. “Лексикаи аслӣ ва иқтибосии арабӣ”-и боби якум, вожаҳои *ҳаводис, сабр, ҳадаф, мурод, баракат, ният, Ҳақ* ва монанди инҳоро аз дохили ҷумлаҳои асар ҳамчун намунаи вожаҳои арабӣ оварда, онҳоро шарҳу эзоҳ додааст. Инчунин, диссертант дар ин фасл вожаҳои асарро аз рӯйи хусусияти маъноӣ, грамматикӣ ба гурӯҳҳои исмӣ, сифатӣ ҷудо намуда, мақоми вожаҳои аслии тоҷикиро ба монанди *дил, сар, чашм, гӯш, даст, пой, рӯй, абру, гардан, пешонӣ; падар, модар, писар, духтар, бародар, кӯдак; ситора, моҳ, офтоб, абр, дарё, кӯҳ* ва ғайра дар асар нишон додааст, ки хеле ҷолиб аст. Ба андешаи муаллиф: “Дар асри XV дар таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ, ҳарчанд ки калимаҳои иқтибосии арабию туркӣ хеле зиёд буданд, вале бойигарии таркиби луғавии забони тоҷикиро вожаҳои аслӣ ташкил медоданд.” (диссертатсия, саҳ. 22).

Дар зерфасли 1.3. “Категорияҳои лексикӣ ва корбасти онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ» вижагиҳои муродифҳо *(карам/саховат, султон/подшоҳ, қалб/дил, устод/омӯзгор)* омонимҳо *(ҷумла, баҳр, суд)*, мутазодҳо *(ҷабр, меҳр, золим, мазлум, дӯсту душман)* таҳлилу баррасӣ гардида, семантикаи воҳидҳои гуногуни луғавӣ вобаста ба матни асар мӯшикофона пайгирӣ шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар «Ахлоқи муҳсинӣ» як даста вожаҳои шоирона мавҷуданд, ки забони асарро малеҳу гуворо ва ҷозибаи сухани адибро хеле пуртаъсир гардондаанд. Ин нукта аз назари диссертант дур намонда, зерфасли 1.4. “Вожаҳои услуби баланд дар “Ахлоқи муҳсинӣ” маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, вожаву иборaҳои *мулкорой, нурафзой, қоиму манзум, чармгоҳ, заҳматгоҳ, лутф, машшота, зебобаён, хуҷастафарҷом, умедвор, зердаст, додхоҳ, мубориз, ҳасадбар, чорасоз, соҳибназар, соҳибғараз, тирсон, муфсид, ринд, фосиқ, ходим, соҳибхабар, хосон, ҳаводор, вафодор, мутақаддим, тавонгар, ноиб, хирадманд, шаҳриёр, заъифҳол* ва ғайраҳо дорои обуранги эҳсосотии баланд буда, ба хонанда таъсири пурфайзи суханшиносӣ мебахшад.

Фасли 1.5. “Вожа-истилоҳот дар «Ахлоқи муҳсинӣ» дар шинохти истилоҳоти асар бахшида шудааст. Муаллиф бештар вожа-истилоҳоти соҳаи ахлоқ, дин, омӯзишу парвариш, ҳарбӣ ва идории давлатиро дар асар бо овардани ҷумлаҳо, мушаххасан нишон додааст.

Дар зерфасли 1.6. “Иборaҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» иборaҳои зиёди фразеологӣ оварда шуда, маънии онҳо вобаста ба матн ишора гардидаанд: теғи ҷаҳонсӯз, маҳзари адл, оташи хашм, чароиди рӯзгор, ҳумои тавфиқ, оинаи мурувват, чамани сухан, даҳри ғаддор, дасти орзуи ҳеҷ кас ба домани висоли ӯ нарасида, дидаи таманнои ҳеҷ махлуқе ҷилваи ҷамоли ӯ надида, ба зевари адл ороста, баҳори зикраш ба раёҳини офарин ороста, чамани некномияш ба пероии санову таҳсин пероста (диссертатсия, саҳ.44).

Дар хулосаи боби якум натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ин боб оварда шуда, нақши инфоридии ӯ дар таҳқиқи масъалаҳои дарпешгузошта мушоҳида мешавад.

**Боби дуюми диссертатсия** “Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ» унвон гирифтааст. Муаллиф боби мазкурро дар се фаслу ҳафт зерфасл таҳқиқ намуда, ба масъалаҳои исму сифат ва калимасозии онҳо, сохт ва таркиби исму сифат, феъл ва вижагиҳои он равшанӣ андохтааст.

Дар фасли 2.2. “Исму сифат ва вижагиҳои онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ», ки дар навбати худ аз ҳафт зерфасл иборат мебошад, исмҳои хос *(Султон Санҷар, Қайсари Рум, Яъқуби Лайс, Искандар, Фаридун, Тоҳир, Нушервон, Маликшоҳ, Маъмун, Қубод, Ҳушанги Сиёмак, Баҳром, Султон Маҳмуд, Баҳроми Гӯр, Арасту, Бағдод, Миср, Рум, Зиндаруд, Самарқанд, Хуросон* ва ғ.) оварда шудаанд. Дар зерфасли 2.2.1. “Хусусиятҳои дастурии ҷамъбандии исм дар «Ахлоқи муҳсинӣ» доир ба пасвандҳои ҷамъбандии исм, аз қабили -он (-гон, -ён, -вон), -ҳо, -ят, -от, ҷамъи шикастаи забони арабӣ, маълумоти муфассал дода, вожаҳои зиёдро аз ин асар мисол овардааст. Ба андешаи муаллиф, “Ҳусайн Воизи Кошифӣ вобаста ба лаҳзаи тасвир, моҳияту мазмуни матн аз роҳҳо ва гунаҳои воситаҳои ҷамъбандӣ бо камоли ҳунар истифода карда, ҷаззобияти асарро таъмин намудааст.” (диссертатсия, саҳ.59).

Калимасозӣ як бахши дигари боби дуюми диссертатсия мебошад. Диссертант дар зерфасли 2.2.2. “Вижагиҳои калимасозии пешвандию пасвандии исму сифат дар «Ахлоқи муҳсинӣ» хусусиятҳои калимасозии пасванди -ӣ *(ҷавонӣ, ҳайвонӣ, парешонӣ, арғувонӣ, ҷаъфаронӣ, шодмонӣ, компронӣ, подшоҳӣ* ва ғ.); -гор *(Офаридгор, гунаҳгор, комгор, ситамгор);* -гар *(тавонгар, заргар, оҳангар, ситамгар, бедодгар);* -вор *(бузургвор, умедвор);* -дон *(нигиндон, сангдон);* -дор *(номдор, ҷаҳондор, ҷавҳардор);* -зор *(корзор, шӯразор, марғзор);* -истон *(шӯристон, боғистон);* -манд *(хирадманд, давлатманд);* -а *(ороста, пероста);* -гӣ *(оростагӣ, бандагӣ);* -нок *(андешанок);* -сор *(шармсор);* -гин *(андуҳгин);* -бон *(боғбон);* -гоҳ *(гармгоҳ, назоратгоҳ, сиёсатгоҳ* ва ғ.); -анда *(гузаранда, напоянда);* -иш *(нолиш, навозиш, коҳиш);* -ор *(гуфтор, гирифтор);* -ак *(бандак, дастак, духтарак)* ва ғайра; пешванди калимасозии -ҳам *(ҳамсоя, ҳамроҳ, ҳамдостон)* маълумоти қонекунанда оварда, вижагиҳои онҳоро дар асар нишон додааст.

Инчунин, дар давоми матлаб, 2.2.3. “Исмҳои мураккаб” *(айбҷӯ, айёрандеш, амалдор, бурдборӣ, гавҳарфишонӣ, гӯшанишинӣ, гӯшмол, васиятнома, ғаразҷӯ, дилҷӯйӣ, дастурамал, дӯсткомӣ, ғарибнавозӣ, душманкушӣ, дарвешпарварӣ* ва ғ.) таҳқиқ гардида, мисолҳои мушаххас оварда шудааст.

Зерфасли 2.2.4. “Сифат ва вижагиҳои он дар «Ахлоқи муҳсинӣ»” яке аз зерфаслҳои дорои аҳаммияти хосса мебошад. Диссертант дар ин қисмат доир ба пасвандҳои сифатсози -ӣ (-гӣ) *(қабилаи аъробӣ, музди гуруснагӣ, нафси ҳайвонӣ, рухсораи арғувонӣ);* -а *(ороста, пироста,*

*шоиста);* -дор *(ҷаҳондор, ҷавҳардор, бадкирдор ва ғ.);* -он *(дурахшон, тобон);* пасванди дараҷасози «-тар» ва «-тарин» (зиёнтар, оштар, роиҷтар, қавитарин, аблаҳтарин, зишттарин) маълумоти муқаддимотӣ оварда, сониян аз "Ахлоқи муҳсинӣ" вожаву ҷумлаҳои мушаххасро мисол овардааст.

Зерфасли 2.2.4.1. "Сифатҳои мураккаб" дар ҳаҷми се саҳифа вижагиҳои умумии сифатҳои мураккабро дар асар таҳқиқ намуда, мисолҳои фаровонеро доир ба сохти ин навъи сифатҳо гирдоварӣ намудааст: *ҷаҳондор, ҷавҳардор, мулкорой, нурафзой, ситамрасида, меҳнаткашида ва ғ.* Ба андешаи муаллиф, "Як вижагӣ дар калимасозӣ, ки бештар дар назм маъмул аст, дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ин мебошад, ки баъзе исму сифатҳои мураккаб ду дараҷаи калимасозиро паймудаанд, чунончи: хештандорӣ, накукорӣ, ризоҷӯйӣ, раиятпарварӣ, марҳаматгустарӣ, душманкушӣ, лашкаркашӣ, ҷонсупорӣ, ҷавонмардӣ ва ғ." (диссертатсия, саҳ.76).

Дар диссертатсия дар баробари исму сифат, инчунин феъл, ки яке аз ҳиссаҳои дорои категорияҳои мураккаб мебошад, аз мадди назари муаллиф дур намонда, дар зерфасли 2.3. "Феъл ва вижагиҳои он дар «Ахлоқи муҳсинӣ» он матраҳ гардидааст. Муаллиф феълҳои зиёдеро аз асар ҷамъоварӣ намуда, онҳоро мувофиқи сохтор, семантика гурӯҳбандӣ кардааст. Аз ҷумла, феълҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: феълҳои ҳаракат *(паридан, бархостан, баромадан, боло шудан);* феълҳои амал *(овардан, чидан, задан, давидан, кушодан, сохтан ва ғ.);* феълҳои ифодакунандаи маънии ҳолат *(машғул будан, истодан, қарор гирифтан, ороста, пероста, талаф шудан, ғарқа шудан, густурда будан ва ғ.);* шаклҳои замони феъл *(гуфтаанд, овардаанд, дидаанд, кардаанд, шунидаанд, омадааст, шудааст, навиштаанд, фармудаанд).* Мисол: Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд; Овардаанд, ки яке аз мулук ба дидани дарвеше рафт; Дар ахбор омадааст, мардуми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд; Аз Сулаймони Варроқ нақл кардаанд, ки гуфт, ки рӯзе дар хидмати Маъмун будам [диссертатсия, саҳ.80]. Инчунин, дар ин фасл феълҳои таркибии номӣ, феълҳои таркибии феълӣ, баъзе пешвандҳои калимасоз, аз қабили, би-, ма-, "на-"-ро ба риштаи пажуҳиш кашидааст.

Хулосаи боби дуюм дар се банд ҷамъбаст гардида, андешаҳои муаллиф аз натиҷаи таҳқиқи боби мазкур дарҷ гардидаанд.

**Боби сеюми диссертатсия "**Вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»" номгузорӣ шуда, яке аз бобҳои калидии таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад. Ин боб фарогири 23 фаслу зерфасл буда, хусусиятҳои наҳвии

асарро бозгӯ менамояд. Вижагиҳои наҳвии асар дар тарзи ибораороию ҷумласозӣ ва созмондиҳии банди яклухти наҳвии адиб инъикос ёфта, ин хусусиятҳо услуби баёни нависандаро равону фаҳмо ва дилкашу хушнаво мегардонад. Ин ҳунар ба адибе даст медиҳад, ки аз қонунҳои наҳв комилан огоҳ буда, дар созмондиҳии воҳидҳои наҳв аз онҳо огоҳонаю ҳунармандона истифода мебарад.

Фасли 3.2. "Вижагиҳо дар иборасозию ибораоройӣ" дар бораи ибораҳои асар баҳс мекунад. Муаллиф дар ин фасл ибораҳоро ба ибораҳои исмӣ *(сифати шарм, масолеҳи халоиқ, подшоҳи одил, оби латиф)*; ибораҳои сифатӣ *(ба ҳокими ақл собиттар, ба лашкаркашиву душманкушӣ маъруф, чун умри гиромӣ зудрав, ширинтар аз ангубин, хушбӯтар аз мушк)*; ибораҳои шуморавӣ *(сад уштур, ҳар як аз эшон, камтар касе аз аҳли рӯзгор, яке аз ҷумлаи хос)*; ибораҳои ҷонишинӣ *(мани заиф, ҳамин нукта, ҳамаи ҳаҷҳо, яке аз шумо)*; ибораҳои феълӣ *(неъмати аҳли ихтиёр ва иқтидор, ҳоҷоти заифон)* шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Фасли 3.3. "Ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои корбурди онҳо" номгузорӣ шудааст. Ин фасл фарогири матлабест, ки вижагиҳои сохториву маъноии баъзе аз ҷумлаҳои содаи асарро фаро мегирад. Муаллиф барҳақ қайд менамояд, ки "Як вижагии дигари наҳвии ҷумлаи содаи «Ахлоқи муҳсинӣ» дар ин аст, ки нависанда ба мақсади таъкиди моҳияти муайянкунандаҳои тавсифӣ пас аз муайяншаванда, яъне пеш аз муайянкунанда, калимаҳои ифодакунандаи миқдор, андозаю дараҷаро оварда, аломати муайянкунандаро махсус таъкид менамояд, чунончи: Сабр сифати бағоят мақбул аст." (диссертатсия, саҳ.104).

Маълум аст, ки насри осори классикӣ аз ҷумлаҳои мураккаб ғанӣ аст. Аз ин лиҳоз, дар диссертатсияи мазкур зербобе бо номи 3.4. "Вижагиҳо дар корбурди ҷумлаи мураккаб" таҳқиқ гардидааст, ки моҳияти диссертатсияро боз ҳам равшан мекунад. Диссертант дар асоси оморҳои мушаххас миқдори ҷумлаҳои мураккабро дар мавридҳои лозимӣ нишон додааст. Аз ҷумла, қайд менамояд: "Мо ба таври оморӣ гуфтори нахустини «Ахлоқи муҳсинӣ»-ро, ки «Дар шукр» унвон дорад, баррасӣ намудем ва маълум шуд, ки аз бисту як ҷумлае, ки дар ин гуфтор истифода шудааст, танҳо се ҷумлаи содаи муқаррарӣ, як ҷумлаи содаи чидааъзои масдарӣ буда, ҳабдаҳтои дигар ҷумлаи мураккаб мебошад. Аз ҳабдаҳто ҷумлаи мураккаб фақат як адад ҷумлаи мураккаби пайваст буда, дигар шонздаҳ адад ҷумлаи мураккаби тобеъ аст." (диссертатсия, саҳ.114).

Зербобҳои дигари ин боб фарогири дигар вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб мебошанд: 3.4.1. "Ҷумлаи мураккаби пайваст" (Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон муъҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст.); 3.4.2. "Ҷумлаи мураккаби тобеъ" бо пайравҳои гуногун (Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад.); (Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ.); (Мушовирони некӯрой, ки силоҳи савоб дар банд кардани ӯ дида буданд, дар маҳалли фурсат арза доштанд, ки сабаби ихтилоф чӣ буд?); (Вақте ки дар қабилаи арабӣ қаҳтӣ афтод, ба зарурат ҷиҳати таҳсили (дарёфт) туша аз ватан берун омад.); (Ҳар ҷо ки ин сифат зуҳур кунад, аз мулозамати халқон чора нест); (Чу халқро ба фармонбардории худ мефармоид, ту ҳам аз фармони халқ берун марав); (Ӯро ба касе супоред, ки инро пеши Ҳасан барад.); (Ба он миқдор ки мумкин аст, ба мардум некӣ кунад.); (Агар банда ба ҷойи подшоҳ будаме, ҳукми сиёсат кардаме.) ва ғайра.

**Хулосаи диссертатсияи** Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд ҷамъбаст гардида, нуктаҳои муҳим натиҷагирӣ гардидаанд.

Рӯйихати адабиёт бо фарогирии зиёда аз 177 адабиёти илмӣ сарчашмаҳои таҳқиқро бозгӯ намудаанд.

Мақолаҳои илмии унвонҷӯ (4 мақола) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгӯяндаи муҳтавои диссертатсияи муаллиф мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Доираи фарогирии мавзуъ, нақшаи кор аз нигоҳи забоншиносӣ барои таҳияи рисолаи номзадӣ ниҳоят васеъ буда, ин нақшаро метавон барои таҳияи рисолаи докторӣ истифода бурд. Аз ин хотир, баъзе масъалаҳо дар бобҳову зербобҳо норавшан монда, муаллиф пойбанди ҳаҷми рисола шуда, ба ҳаллу фасли онҳо напардохтааст.

2.Зиёда аз 30 воҳиди фразеологии асар дар як қатор омадаанд, маънои онҳо (ҳатто дар қавсайн) оварда нашудааст, бо чунин тарзи пешниҳод дарки онҳо барои хонанда душвор аст (диссертатсия, саҳ. 42,43,44).

3. Дар зерфасли 2.2.3.1. "Исмҳои мураккаби пайваст" муаллиф қайд мекунад, ки "Бояд гуфт, ки ин роҳи калимасозӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»

каммаҳсул буда, теъдоди умумии исмҳои мураккаби пайваст нисбат ба исмҳои сохта ва мураккаби тобеъ хеле кам ба назар расид.” (диссертатсия, саҳ. 68). Вале бидуни овардани мисол аз онҳо зерфасл ҷамъбаст мегардад, ки ин шеваи андешаронӣ хонандаро қонеъ ва мутмаин намесозад.

4. Дар диссертатсия матнҳо бо хусусияти муқаддимотӣ, аз ҷумла “«Ахлоқи муҳсинӣ» низ асари панду ахлоқӣ буда, онро Ҳусайн Воизи Кошифӣ солҳои 1495-1500 навишта ба писари Ҳусайн Бойқаро – Абдулмуҳсин Мирзо, мебахшад...” (диссертатсия, саҳ.104-105) оварда шудааст. Хуб мебуд он дар қисмати боби аввал ё дар матолиби муқаддимотӣ бурда мешуд.

5. Дар истифодаи рӯйхати адабиёт ва ишора кардан ба сарчашмаҳо ([1.3,181]; [1, 8]) гуногунрангӣ ва то андозае номувофиқатӣ ба назар мерасад. Масалан, қайд шудааст: “...чунончи, дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» омадааст: «... Зируҳро бо «алиф» ва «нун» ҷамъ намоянд, чун мардумон ва аспон ва ғайри зируҳро бо «ҳо» ва «алиф» монанди зарҳо ва гавҳарҳо» [3, 194]” (диссертатсия, саҳ.90). Вале ҳангоми дидани рӯйхати адабиёт рақами ишорашуда дигар адабиётро нишон медиҳад. Инчунин, аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу далелҳои эътимодбахш оварда шудааст, вале номи фарҳанг дар рӯйхати адабиёт сабт нашудааст. Илова бар ин, дар рӯйхати адабиёт баъзе таҳқиқоти солҳои охир доир ба мавзуъ (махсусан, калимасозӣ, истилоҳ ва истилоҳнигорӣ) оварда нашудааст.

6. Баъзе истилоҳоти забоншиносӣ ба забони русӣ оварда шудаанд, ҳол он ки гунаҳои тоҷикии онҳо дар забон мавҷуданд: префикс, суффикс...

7. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ мушоҳида мешаванд: с. 8, 9, 16, 26, 46, 50, 51, 61, 68 ва ғ.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна ҳусни бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**


доктори илми филология, профессори
кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода
«4» апрели соли 2024

Қосимов Олимҷон Ҳабибович

тел: 992 (37) 232-5000
моб: +992 937693333, 907764421
rector@ddzt.tj, olimjonk@yandex.ru
ш. Душанбе, 734019
к. Ф.Мухаммадиев, 17/6.


Имзои Қосимов Олимҷон
Ҳабибовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

Юсупова Б.Ғ.


Суроға: 734019, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17\6
Телефон: (+992 37) 232 50 00;
E-mail: info@ddzt.tj

«4» апрели соли 2024.